## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2026.**

Дар замони муосир, ки Тоҷикистон марҳалаи нави рушди давлатдории миллиро паси сар мекунад, омӯзиши таърихи соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус маориф, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Маориф ҳамчун меҳвари асосии сиёсати давлатӣ ва омили калидии таъмини амнияти миллию фарҳангӣ ба шумор меравад. Таҳқиқоти докторӣ Каримзода Мусо Бобишо, ки давраи сисолаи (1991–2021) ислоҳоти соҳаи маорифро фаро мегирад, як кори комилан саривақтӣ ва мубрам аст. Муаллиф тавонистааст, ки раванди мураккаби гузариш аз низоми таълимии шӯравӣ ба низоми нави маорифи миллиро дар шароити соҳибистиқлолӣ аз нуқтаи назари таърихнигорӣ ва бо усулҳои муосири илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор диҳад.

Объекти таҳқиқот омӯзиши таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол вобаста ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар илми таърихнигории ватанӣ бори аввал сиёсати давлат дар соҳаи маориф ба таври комплексӣ ва марҳала ба марҳала омӯхта шудааст. Муаллиф заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалии таъсиси муассисаҳои таълимии навро (аз ҷумла мактабҳои хусусӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва низоми муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ) муайян карда, нишон медиҳад, ки чӣ тавр дар кишвар фазои рақобатпазири таълимӣ ба вуҷуд омад. Инчунин, ҷорӣ шудани низоми кредитии таҳсилот ва таълими салоҳиятнокӣ, ки ду

рукни муҳими ислоҳоти муосир мебошанд, бори аввал дар ин кор қимати соф таърихии худро пайдо кардаанд.

Сохтори диссертатсия комилан мантиқӣ ва ботартиб буда, он аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳамаи паҳлуҳои мавзуъро равшан месозад.

Дар муқаддима моҳият ва мундариҷаи диссертатсия, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои он асоснок карда шуда асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он шарҳ дода шудааст.

Боби якум заминаи мустаҳками назариявии корро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо муаллиф адабиёти илмии мавҷударо моҳирона таҳлил карда, нақши бунёдии асарҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳия ва амалисозии консепсияи маорифи миллӣ исбот намудааст.

Боби дуюм ва сеюм ба таҳлили зинаҳои поягии маориф – муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ бахшида шудаанд. Тадқиқотчӣ раванди гузариши мактабҳоро ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ва пайдоиши гимназияву литсейҳоро ҳамчун падидаи нави замони Истиқлол бо овардани ҳуҷҷатҳои боэътимод нишон медиҳад.

Боби чорум ва панҷум низоми таҳсилоти касбӣ (ибтидоӣ, миёна ва олӣ)-ро дар бар мегиранд. Муаллиф раванди тайёр кардани кадрҳоро дар равияҳои гуногун (омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ ва ғайра) ва гузариши пӯрра ба низоми кредитии таҳсилотро дар донишгоҳҳо ба таври васеъ инъикос намудааст.

Диссертатсия бо хулосаи мукаммал ва пешниҳоду тавсияҳои муфид ҷамъбаст гардидааст.

Арзиши амалии таҳқиқот аз он иборат аст, натиҷаҳо ва хулосаҳои дар кор омада барои вазорату кумитаҳои дахлдор, махсусан Вазорати

маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми таҳияи барномаҳои стратегӣ ва консепсияҳои рушди маориф арзиши баланди амалӣ доранд. Маводи диссертатсияро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ аз таърихи ватанӣ ва курсҳои махсус дар донишгоҳҳо истифода бурд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 2 монография, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо ба табъ расидаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, автореферат мазмуну моҳияти диссертатсияро пурра ва дақиқ инъикос мекунад. Кор дар сатҳи баланди илмию методологӣ иҷро шудааст. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии
факултети таърихи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Ғуломов Т. М

Имзои профессор Т. Ғуломовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш

«20» 05 с.2026